

# ЗАФАР НОЗИМОВ

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

КИТОБХОНАИ ДАВЛАТИИ БАЧАГОНАИ
ҶУМҲУРИЯВИИ ба номи М. МИРШАКАР

СИЛСИЛАИ ФАРҲАНГ ВА ИЛМ

# ЗАФАР НОЗИМОВ

**(Маҷмӯаи мақолаҳо ва
Китобномаи шарҳиҳолӣ)**

***Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор***
***Қурбон Авгонов***

**Душанбе**
**«Истеъдод»**
**2014**

**ТКБ 92я 2+91.9:85.31 тоҷик**
**З- 39**

*Муҳаррир*
*Юсупова Муҳаббат*

**Зафар Нозимов: Маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қурбон Авғонов; Муҳаррир Муҳаббат Юсупова.- Душанбе: Истеъдод, 2014. 48 с.**

**Чопи компютерии Фирдавсӣ Толибов**

**Пажӯҳиши библиографии: Толибова Назира**
**ва Даниярова Насиба**

**ISBN 978–99947–1-021-8**

**© Авғонов Қ., 2014**
**© КДБЧ ба номи**
**М. Миршакар, 2014**

## ПЕШГУФТОР

Китобномаи мазкур доир ба зиндагиномаи ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, дорандаи ордени «Ситора»-и Президенти Тоҷикистон Зафар Нозимов таҳия шудааст.

Зафар Нозимов аз зумраи шахсиятҳои мӯътабари халқи тоҷик аст, ки бо шарофати истеъдоди асил, табиӣ ва худодод ним аср инҷониб саҳнаи муқаддаси ҳунар, фазои дилу дида, ҷаҳони маънавии мардуми диёрамонро обод нигоҳ доштааст.

Ин аввалин намунаи ба ҳам овардани адабиёт роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Зафар Нозимов мебошад.

Китобнома аз мақолаи муқаддимавӣ ва 4 қисм ва кумакфеҳристҳо иборат аст.

Мақолаи муқаддимавӣ роҷеъ ба зиндагинома ва паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти эҷодию ҳунарии Зафар Нозимов маълумоти мушаххас медиҳад.

Дар қисми якуми китобнома Зафар Нозимов дар ситоиши мухлисон ва дар ашъори адибон интихобан ворид карда шудааст.

Қисми дуюми китобнома адабиёт ба ҳаёту фаъолияти Зафар Нозимов марбутро дар бар гирифта номгӯи мақола, ёдҳо, очерк ва мусоҳибаҳои Зафар Нозимов шомил шудаанд.

Қисмати сеюми китобнома адабиётҳои ба устод Зафар Нозимов бахшида шударо дар бар мегирад.

Қисмати чоруми китобномаро нашрҳои электронӣ фаро гирифтааст.

Унвони ҳамаи маводҳо ба забони аслӣ, тибқи стандарти нав тасвир шудааст.

Китобнома маводҳои чопии солҳои 1961-2014 нашршударо фаро мегирад. Мавод дар қисмҳо ва зерқисмҳои китобнома тибқи замони чопи асарҳо ва дар дохили онҳо бо тартиби алифбо аввал ба забони тоҷикӣ ва сипас ба забони русӣ ҷо ба ҷо гузошта шудааст.

Нашри мазкур дар асоси захираи Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар ва феҳристи библиографии давлатии «Солномаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тартиб дода шудааст.

Барои осон намудани кори пажӯҳандагон дар охири китобнома кӯмакфеҳристҳои алифбоии асарҳо ва ашхос пешниҳод шудаанд.

Китобнома барои ҳаводорон ва дӯстдорони мусиқии тоҷик, ба донишҷӯёну омӯзгорон, муҳаққиқону мутахассисони соҳа ва оммаи васеи хонандагон пешкаш мегардад.

## САНАҲОИ МУҲИМИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ ЗАФАР НОЗИМОВ

Зафар Нозимов 2 июни соли 1940 дар деҳаи Сақови ноҳияи Ҳоит таваллуд шудааст. 3 августи соли 2010 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

| | |
|---|---|
| **1948-1958** | Таҳсили илм дар мактаби миёна. |
| **1956** | Суруди нахустинаш «Имрӯз не фардо биё». |
| **1958** | Ба Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба кор омад. |
| **1961-1963** | Таҳсил дар факултаи шарқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон. |
| **1961-1963** | Сафари ҳунарӣ ба давлати исломии Эрон. |
| **1962** | Солисти оркестри созҳои халқии Кумитаи давлатии Телевизион ва радиошунавоии назди Совети вазирони РСС Тоҷикистон. |
| **1962** | Сарояндаи Филармонияи давлатии Тоҷикистон. |
| **1963** | Шоҳи Эрон ба устод Зафар Нозимов табарчаи тиллоӣ тақдим кард. |
| **1963-1964** | Сафари ҳунарӣ ба давлати исломии Афғонистон. |
| **1965-1966** | Сафари ҳунари ба Озорбойҷон. |
| **1968** | Сафари ҳунари ба Канада. |
| **1974** | Артисти халқии РСС Тоҷикистон. |
| **1978** | Сафари ҳунарӣ ба Голландия. |
| **1978** | Сафари ҳунарӣ ба Туркия. |
| **1981** | Сафари ҳунарӣ ба Югославия. |

| | |
|---|---|
| **1983** | Сафари ҳунарӣ ба Австрия. |
| **1984** | Сафари ҳунарӣ ба Ҳиндустон. |
| **1986** | Роҳбари ансамбли фолклории Тоҷикистон. |
| **1986-2010** | Роҳбари Ансамбли фолклорӣ – этнографии Филармонияи давлатии Тоҷикистон. |
| **1995-2010** | Роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон. |
| **2009** | Барои хизматҳои бисёрсолааш дар назди халқу Ватан ва ба муносибати 50-солагии фаъолияти эҷодиаш бо ордени «Ситораи Президент» сарфароз гардонида шуд. |
| **2010** | Барои Хизматҳои арзандааш дар рушди фарҳанги миллӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофоти давлатии ордени «Нишони Фахрӣ» сарфароз гардонида мешавад. |

## ХУШО НОМИ ЗАФАР МОНД

*Басо дорой гум гашту ҳунар монд,*
*Ҳунар чун тоҷи халқи тоҷвар монд.*
*Басо номе дурахшон гашту ғайб зад,*
*Вале номи дурахшони Зафар монд.*

Ин сатрҳои басо ҷолиб, ин ситоиши басо мувофиқ маҳсули қалами Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло аст дар сифати ҳунарманди асили тоҷик Зафар Нозимов, ки воқеан барҷост.

Рӯи саҳна омадани ҳунарманде чун Зафар Нозимов дар ин даҳсолаҳо дар гумон аст. Рӯи саҳна омадан осон аст, вале рӯи саҳна мондан хеле мушкил. Маҳбубу писандидаи айём шудан, ба қавли Хайём, аз ҳунарманд тавони рустамона ва фидокории Фарҳоди кӯҳканро металабад.

Барои об овардан ба сӯи ташналабони санъат, барои шикастани ташнагии мухлисону ҳаводорон бо арақи ҷабин ҷӯй кандан лозим, синаи кӯҳро шикофтан лозим, рози дилро бо наво ба шунавандагон изҳор намудан даркор аст, ки овозхони мумтоз Зафар Нозимов аз ӯҳдааш ба хубӣ баромадааст.

Кӯдакиҳояш дар айёми басо сангину басо вазнин, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сипарӣ шудааст. Аниқтараш, чанд сол пеш аз ҳуҷуми савгандшиканонаи армияи фашистӣ ба хоки муқаддаси ватан 2- юми июни соли 1940 дар деҳаи Сақови ноҳияи Ҳоит вилояти Ғарм чашм ба олам кушодааст.

Аз падар хеле барвақт ятим монд. Ӯ ва ду хоҳар дар домони модари муштипар камол ёфтанд.

Новобаста аз сахтии рӯзгор, модар кушиш ба харҷ дода, ки Зафари яккаву ягонааш хонад ва ӯро саробонӣ кунад. Борҳо ҳангоми аз сари замин баргаштан шоҳиди сурудхониҳои писар мегашт, ки бо садои форам дар талу даштҳои бепаҳнои деҳаи Сақов садо медод.

Он айём хеле гарон буд, овозхон шудан орзуи амри маҳол буд, чунки ба қавли мардуми хурофотӣ, овозхонӣ касби шайтон маҳсуб меёфт, вале аз ин гапҳо модари Зафарро парвое набуд. Монеа ҳам нашуд пеши роҳи интихобкардаи фарзанди дилбанд.

Нахустин суруди Зафар Нозим таҳти номи «Имрӯз не, фардо биё» соли 1956 ҳангоми дар дастаи ҳаваскорони ноҳия аъзо буданаш тавлид гашт ва ҳамин суруд роҳи оянда ӯ роҳи ба қуллаҳои мурод расидани ӯро кушод.

Пас аз хатми таҳсил фаъолияти кориашро Зафар Нозимов соли 1958 аз Филармонияи давлатии Тоҷикистон оғоз намуда, таҳти сарварии устоди

хеш, оне, ки то вопасин лаҳза дастгиру мададгораш буд - Акашариф Ҷӯраев ҳунарашро такмил дод. Ҳунару маҳорат Зафари ҷавонро зина ба зина боло мебурд. Солҳои 1959 то соли 1962 чун солисти оркестри созҳои халқии Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ фаъолият намуда, аз соли 1986 то вопасин лаҳзаҳои умри хеш ба сифати роҳбари Ансамбли фолклорӣ – этнографии Филармонияи давлатии Тоҷикистон фаъолият намуд.

Чилу ҳафт сол. Ин шуморест аз фаъолияти босамари Зафар Нозимов ва меҳнатҳои шоёнаш дар ташаккули санъати тоҷик. Дар чилу ҳафт сол ин марди майдони ҳунар корҳои назаррасеро анҷом дода, ки боиси таърифу таҳсин аст. Оҳангҳо, сурудҳоеро омодаву манзури мардуми санъатдӯст карда, ки ҳар кадоме қимати беҳадро соҳибанду то кунун ҷилобахши радиову телевизионанд.

Чун хатмкардаи факултаи шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1961-65) буд, забонҳои хориҷиро дар баробари забони модарӣ хеле хуб медонист ва репертуари сурудҳояшро ба ғайр аз сурудҳои тоҷикӣ сурудҳои ҳиндӣ, афғонӣ, эронӣ, украинӣ, ӯзбакӣ ва дигар ташкил медод.

Ҳар суруди Зафар Нозимов аз суруди дигараш хубтару форамтар рӯи саҳна меомад. Агар суруди «Эй сорбон» (шеъри Саъдӣ) - ро беҳтарин арзёбӣ намоем, сурудҳои «Соҳибдилон», «Васли дӯстон» (шеърҳои Ҳофиз), «Туро ёбам» (шеъри Абдураҳмони Ҷомӣ), «Моҳи ман» (шеъри Абдураҳмони Ҷомӣ), «Намеёбӣ» (шеъри Мушфиқӣ), «Шароби бахт» (шеъри Махфӣ), «Шабат хуш бод» (шеъри Ироқӣ), «Авҷи Кибриё», «Офаридам», «Адабгоҳи муҳаббат», «Модари гетӣ», «Амвоҷи дарё» (шеърҳои Бедил), «Кокулпарешон», «Хоҳад гузашт» (шеърҳои Хусрави Деҳлавӣ), «Рафтам ба ҷустуҷӯят» (мухаммаси С. Айнӣ бар ғазали Соиб), «Эй дил», «Оташ афрӯхтам бе ту» (шеърҳои А. Лоҳутӣ), «Ҳамсоя бошам» (шеъри М. Турсунзода), «Васфи Тоҷикистон» (шеъри Б. Раҳимзода) ва садҳои дигар низ форамтару хубтару гӯшнавозтаранд.

Ба давлатҳои зиёде, аз қобили Афғонистон, Эрон, Голландия, Туркия, Муғулистон, Югославия, Австрия, Ҳиндустон, Белоруссия, Россия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркманистон ва Ӯзбекистон сафарҳои ҳунарӣ намуда, санъати тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Хизматҳои шоёнаш бо ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо ва унвони Ҳофизи халқии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст. Соли 2010 аз олам даргузаштааст.

Ин ҷо боз мисраҳои саршор аз меҳри Камол Насруллоро ёд меорем, ки гуфта «Вале номи дурахшони  Зафар монд».

Зафар Нозимов имрӯз дар қайди ҳаёт нест, бо иштироки фаъолона, бо ҷуссаи рустамона ва бо симои гарми тоҷиконааш ҷашнҳо, тӯю маъракаҳоро зинат намебахшад,  вале  сози ӯ, садои шикастнопазири ӯ солҳои сол дилҳоро масрур месозад.

***Қурбон Авгонов***

# 1. ЗАФАР НОЗИМОВ ДАР СИТОИШИ МУХЛИСОН ВА ДАР АШЪОРИ АДИБОН

## 1.1. Назм

**Мӯҳтарам Ҳотам**

### ЭҲДО БА УСТОД ЗАФАР НОЗИМ

Эй зодаи таронаи сарчашмаҳои хуш,
Эй раҳнаварди кишвари овои дилхурӯш,
Сетори ту зи шаш ҷиҳатам медиҳад навид,
Сетори ту маро буда чун шаш дари умед!

Бас чашмаҳо на чашма, ки савти ҳазори туст,
Бас рӯдҳо на рӯд, ки сабти навори туст!
То кӯҳҳо баланд чу авҷи мақоми туст,
Биншаста сангҳои Ватан ҳамканори туст!

Устод, субҳ мерасад, инак гузашт шаб,
Бигзашта шаб, вале ҳама табхолаҳо ба лаб,
Зеро садову сози ту танҳо тарона нест,
Зеро ниёзу рози ту танҳо тарона нест!

Устод, субҳ мераксад, аммо чӣ шаб гузашт?
Ба зиндагӣ баҳонаи дигар маро куҷост?
Аммо сухан баҳона ба ин зиндагии мост,
Аммо Ватан баҳона ба ин зиндагии мост!

То қомати тарона бувад қомати баланд,
То ҳиммати тарона бувад ҳаммати баланд,
Кай қомати тарона сиях мекунад касе?
Кай ҳиммати тарона табаҳ мекунад касе?

**Мирзо Файзалӣ**

## НАЗАРКАРДА

***(Ба ҳофизи номии тоҷик Зафар Нозим)***

Булбул ба чаман шиквакунон, к-ин чӣ садо ҳаст?
Дар зеру бамаш силсилаи кайфу сафо ҳаст?
Донед, ки ин мӯъҷиза аз кӣ, зи куҷо ҳаст?:
Он ҷо, ки Зафар ҳаст, суруд асту наво ҳаст,
Дар савту садояш назари неки Худо ҳаст!

Ӯро, ки назаркарда бигуфтем, хато нест,
Бе меҳр назар ҷониби ӯ ҳеҷ раво нест.
Овози ба ӯ дода магар лутфи Худо нест?
Дар базми Зафар айшу тараб, кайфу сафо ҳаст,
Дар савти Зафар хайри Худо, лутфи Худо ҳаст!

Рӯзе, ки зи савти Зафар оғоз бигирад,
Тоҷик ҳама ӯро сари овоз бигирад.
Он рӯз ҳама кори Ватан соз бигирад,
Дар лаҳни Зафар аз ҳамагон акси садо ҳаст,
Дар рӯйи Зафар нури Худо, нури Худо ҳаст!

### Бахшида ба шеъри «Ин саҳар»

Ин саҳар шодам, ки хондӣ ту суруди «Ин саҳар»,
Зам намудӣ ҳусни нав андар вуҷуди ин саҳар.

## ПУШАЙМОН НЕСТАМ

*(Эҳдо ба Зафар Нозим)*

Ҷаҳонро дар садоқат озмудам, ман
Раҳи худро ба заҳматҳо кушудам ман.
Ҳар он чӣ кушт бинмурдам, дурудам ман,
Ҳама рӯзу шаби худро сурудам ман.

Пушаймон нестам аз умри полида.
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

Ба пое сарфарориҳо накардам ман.
Ба ҷое бадгумониҳо накардам ман,
Фиғон аз бебарориҳо накардам ман.
Тамаъ ҷуз дӯстдориҳо накардам ман.

Пушаймон нестам аз умри полида,
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

Накардам хуфтаеро бесабаб бедор,
Надодам ба кассе дар зиндагӣ озор.
Сурудам қиссаи ушшоқи ғамбемор,
Кушодам аз қафас мурғони хушгуфтор.

Пушаймон нестам аз умри полида,
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

Ҳунар буд пояи санги саботи ман.
Раҳи мардонагӣ роҳи наҷоти ман.
Набудӣ ноҷавонмардӣ ба зоти ман.
Футувват буд маънии ҳаёти ман.

Пушаймон нестам аз умри полида,
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

Ҳазорон пайрав аз эҷози ман омад,
Садом дар лабаш, анбози ман омад.
Чу мурғони ҳаво бар сози ман омад.
Зи ҳар кунҷи канор овози ман омад

Пушаймон нестам аз умри полида,
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

Диламро офтоби дар  сафар дидам.
Тамоми умрро ранги саҳар дидам.
Агарчанде ки умри  як шарар дидам.
Ҷаҳонро асраи аҳли ҳунар дидам.

Пушаймон нестам аз умри полида,
Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.

**Ҷумъа Қувват**

## АНДАЛЕБИ КӮҲСОР

***Ба ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Зафар Нозим***

Он шабе савту сурудат хуш taнинaндоз буд.
Ҳар навоят созу ҳар созат ҷаҳони роз буд.
Дар гумонам бе майи ноб аҳли маҳфил маст шуд.
Ҳар касе, к-ӯ шавқу сӯзе дошт дар дил, маст шуд.
Духтаре бо рақс омад дар ҳавои дилбарӣ.
Гӯиё бо савти булбул рақс дорад гулпарӣ,
Масти овози ту бар сӯяш назар медӯхтам,
Юсуфе будам, ки аз ишқи Зулайхо сӯхтам.
Месурудӣ, бо сурудат менамудӣ ҷилвагар
Корвону сорбони Саъдиро пеши назар.
Шайхи Шерозӣ савору корвоне раҳсипар,
Корвони шеъри тоҷик, шеъри пурсӯзу шарар.
Дар сурудат мавҷи Сурхоб асту савти обшор,
Ҷӯр бошад бо навои андалеби кӯҳсор,
Солҳо ҳамроз мегардӣ ту бо тору дутор,
То навоят ҷӯр гардад бо садои рӯзгор

## АНДАЛЕБИ АҶАМ

Суруди Зафар чун зафарёр шуд,
Ҳама хоки кишвар гуҳарбор шуд.
Чу парчам ба дилҳо парафшонӣ кард,
Зи дил то ба дилҳо раҳи ёр шуд.

Аҷам хонда будаш варо Андалеб,
Ки аз созаш омад шикебо шикеб.
Чу қофиласолори санъат ба Шарқ.
Навояш базебу садояш базеб.

Садои Зафар чун танин мекашад.
Сузанро аҷаб нозанин мекашад.
Фаришта агар дар само пар задӣ.
Вуҷудаш зи чархи барин мекашад.

Ба ин чирагияш Зафар Нозим аст.
Ба тахти суханҷӯй бас қоим аст.
Наво ҷони дигар суханро диҳам,
Ки қадро суханвар басо лозим аст.

Варо модари Ҳойити овард бор.
Ки дар боғи Раштонзамин чун ҳазор,
Кунад васфи холи хати кишвараш,
Дил аз васфи хубон бигирад қарор.

**Аҳлиддини Ҳисорӣ**

## ДАСТОВЕЗИ КӮҲИСТОН

*(Барои устоди ҳунар Зафар Нозим)*

Ту мехониву саҳна мешавад лабрези кӯҳистон,
Танинандоз мегардад навою рези кӯҳистон.

Ҳамоҳанги суруду нағмаат бар рақс меояд.
Чу ҳар як бутаву ҳар санги сеҳрангези кӯҳистон.

Навозишам кунад ҳамчун гиёҳе дар канори кӯҳ,
Навозишгар насими дилбару гулбези кӯҳистон.

Хаёлам мебарад як лаҳзаам аз пушта бар пушта.
Ба ёди дилфиребо пуштаи гулхези кӯҳистон.

Ба гӯшам лаҳни Мавлоно расад аз савту овозат,
Забони содаву ширину шаҳдомези кӯҳистон,

Ту мехониву эҳё мешавад дар синаи тангам.
Фарохиҳои сад дунёи рангомези кӯҳистон

Фидои лаҳни кӯҳистоният гардам, тараннум кун,
Суруди тозае дар сози шӯрангези кӯҳситон.

Бихон, он гуна ки бар рақс ояд ҳар дили санге,
Зи лафзи зинда, аз оҳанги дастовези кӯҳистон.

Зафар – саропо мард аст. Мардест нотакрор ва ҳунарманди асил.

Зафар- марди ҳунар, марди зафарманд, мард дар миёни мардон.

Зафар -хунёгари кӯҳистони пурганҷи диёри тоҷик.

Зафар –муҷассамаи зиндаи мардумписанди байни халқ.

Зафар –дар дӯстӣ бемисл ва дар мардӣ марди мардҳост.

Зафар –марди бекина, соҳибсухан, ватандор, ҳунарпарвар, ботадбир, хоксору фурӯтан.

Зафар – хотири рушду такомули санъат, қодир аст ба ҳар заҳмат.

Зафар- дар каримӣ карим. дар ҳалимӣ ҳалим, дар сафар рафиқи шафиқ.

Зафар – зебандаву арзандаи ҳар гуна ҷоиза аст.

Зафар-…Агар ҳамроҳи акаи Зафар ба ҷоизае ҳар ду номнавис мешудем, аз рӯйи одоби ҳунарварӣ номзадиамро бозпас мегирифтам. Танҳо ба хотири санъати касбӣ ва мардумӣ.

***Соли 2002***

**М. Мухторов**

## БА УСТОД ЗАФАР НОЗИМ

Ҳар суруди рӯҳбахшат то кунун
Ҳамсадои рӯзгорон гаштааст.
Ҳар навои тозаи ту ҳамсадо
Бо навои андалебон гаштааст.

«Гулрухони пахтачин» андар назар
Дар суруди ту ҳувайдо мешаванд.
Захма бар торат фурӯ ояд маҳин,
Чун гули домони саҳро мешаванд.

Аз суруди тозаэҷодат мудом
Бӯйи ҷонбахши диёр ояд ҳаме,
Эътиқоди меҳри поки ин Ватан,
Бӯйи мушки зулфи ёр ояд ҳаме.

Баҳри оҳанги наве шаб то саҳар,
Эй басо меҷӯйӣ абёти куҳан.
То ки афзунтар кунӣ қадри суруд,
То ки афзунтар кунӣ қадри сухан.

**Сайфиддини Шариф**
**корманди шуъбаи маорифи**
**ноҳияи Шоҳмансури  ш. Душанбе**

## БУЛБУЛ ҲАМНАВОИ ТУ

«Агар ғам лашкар ангезад». зудояд ғам навои ту,
Садои Ҳофизи шӯридадил пайки навои ту.

Ғубори хотири ёрони дурафтодаи муштоқ
Рабояд лаҳни овозу ҷонфазои ту.

Хурӯшад бо сурудат нағмаҳои рӯд  мастона.
Ба хониш кабки кӯҳистон, булбул ҳамнавои ту.

Бароям « Модари Ҳайит» чу рамзи сузи модарҳост,
Бувад чун марҳаме бар сӯзи модар созҳои ту.

Зафарманд аст халқе, к-ӯ Зафар хунёгаре дорад,
Таманно аз Худо дорам, ки бошад дар паноҳи ту.

### 1.1.2. Наср

**Боқи Раҳимзода**
**Шоири халқи Тоҷикистон,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии**
**ба номи Рӯдакӣ**

Зафара тамоми вуҷудаш ҳунар аст. Боре ба Зафар Нозим сафари адабиву ҳунарӣ доштем, дар Масков русӣ мехонд, Озарбойҷон мерафтем, озарӣ мехонд, куҷое мерафтем,ба забони ҳамон мардум мехонд. Ин хел санъаткора дар умрам надидам, мувофиқи ҳар маърака ҳофизӣ мекунад. Дар мақомхонӣ ҳам маҳорат дорад.

**Меҳмон Бахтӣ**
**Раиси Иттифоқи**
**нависандагони Тоҷикистон,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии**
**ба номи Рӯдакӣ**

Зафар Нозим! Ин номи барои ҳар як фарди ҳунаршиносу ҳунарвар азиз ва муҷиби ифтихор аст. Ӯ сарояндаест, ки баъди солҳои 60-уми асри XX дар радифи беҳтарин ва шоистатарин ҳофизони тоҷик ном ва моқоми баландеро соҳиб гашт. Аҳли ҳаводорони суруду наво ӯро яке аз бозёфтҳои беназири олами сарояндагӣ арҷгузорӣ кардаанд, ки ин баҳои баланд ба Зафар Нозим дар ҷараёни солҳои зиёд аз роҳи фаъолияти пурҷӯшу хурӯш, заҳматҳои фаровони эҷодӣ ва навпардозӣ насиб гаштааст.

Ӯ ҳунармандест, сарояндаест, ки баробари ба саҳна ворид шудан саҳна ҳусни нур мегирад ва ин нури гарму ҷозиб дили шунавандагони суруди Зафарро низ гарму фурӯзанда нигоҳ медорад. Пасон ин фурӯзандагӣ ба муҳаббати беолоиш ва беохир табдил меёбад. Шояд ҳамин ҷиҳат ва ҷаззобият бошад, ки ҳам саҳна ва ҳам шунаванда ӯро пайваста азиз дорад.

**Абдулҳамид Самад**
**Нависандаи халқи Тоҷикистон,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии**
**ба номи Рӯдакӣ**

Бо сурудҳои устод Зафар Нозим, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Мурод дар таърихи навини овозхони тоҷик гардиши ҷиддие ба амал омад. Шираи овози муқтадиру нотакрор, ҷӯшу хурӯши

савти диловез ва шеваи сароиши сурурангези устод Зафар дар эҳё ва рушду нумӯи таронаву оҳангҳои ҷаззоби тоҷикӣ, тарбияи завқи мардум нақши бузург гузошт. Алҳақ, Зафар Нозим мисли хунёгарони шаҳир Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхон ва Акашариф соҳиб мактаби худ аст.

**Шаҳрияи Адҳамзод**
**Шоира**

Ман, воқеан, мутаасиф ҳастам, ки овозхони тавонои ҷумҳурӣ устод Зафар Нозимро шахсан намешиносам ва афсус мехӯрам, ки боре пойи сӯҳбаташон нанишастаам, вале ҳамеша ору доштам, ки садои ширину ширадорашонро ҳар субҳ чун садои азон бишунавам, зеро овозашон маро ба хондани намози ишқ даъват мекунад, сурудаш маро ба сӯйи осмонҳо мебарад, бо маҳу ахтарон ва Худованду фариштагон наздик мекунад…

Оре устод Зафар мехоҳад тавассути оҳангу ниёишҳои зебояш дар қалбҳои хомӯшу гирифтаи мо таҳарруке барангезад, ҳавои тори ин муҳитро биполояд, то ҳамаи мор обо ояҳои рӯшанӣ биомезад.

Мане, ки ҳамвора аз лаззати таманнои овози ӯ сер нашудаам, фармудаи Мавлавии бузургро меорам, ки гӯё барои чун мане, ки шефтаи овози устод Зафар Нозим будааст, гуфта:

*Ин илми мусиқӣ ба манн чун шаҳодат аст,*
*Ман мӯъминам, шаҳодати имонам орзуст.*

***Соли 2002***

**Акашариф Ҷӯраев**
**Ҳофизи халқии Тоҷикистон**

Ман дар умри сарам ин хел ҳофизи хушовоз ва шахси сурудхони бағайратро, ки рубобу торро ҳам бисёр хуб менавохта бошад, надидаам. Завқу ҳофизааш хеле баланд аст. Дар интихоби шеъру эҷоди оҳанг низ моҳир аст. Ҳангоми оҳангбандӣ ҳатто нуқсони матнро мeёбад ва мувофиқи вазну кашиши оҳанг ба шеър чизе аз худ илова мекунад. Ба ҳар забон суруд хонда метавонад. Дар ҳофизӣ бефараҳ ҳам намешавад, аммо бисёр якрав аст, агар ҳамин камбудияшро ислоҳ кунад, дар ҷаҳон ном мегӯяд…

***Соли 1964***

**Одина Ҳошим**
**Ҳофизи халқии Тоҷикистон,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии**
**ба номи Рӯдакӣ**

Зафар Нозим на танҳо ҳунарманди нодиру нотакрор, балки ҷавонмарди баномусу ғаюрест, ки иззати нафси худро хеле баланд мегузорад. Ӯ хоҳишу илтимоси бечораву камбизоатеро аз амри мансабдори худхоҳ хуш мепазирад.

***Соли 1978***

**Афзалшоҳи Шодӣ**
**Ҳунарпешаи халқии**
**Тоҷикистон**

Ман мафҳуми мард, марди ҳақиқиро дар шахсияти ӯ пайдо кардам. Рӯзгори ӯ озмӯззанда ва пурҳикмат аст. Рӯҳи иродаи ӯ то ҳадде қавист, ки ба ҳама номардиҳои зиндагӣ тоб оварда, ҳар гуна разолати пастиро бо таҳаммулу курсабрӣ шикаст медиҳад. Ӯ инсон, ҳунарманд ва устод аст.

***Соли 2000***

## 2. РОМИШГАРИ МУМТОЗ
## 2.1. ОЧЕРКУ МАҚОЛАҲО ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

**1982**

1. Сафар ба Украина [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. -1982.-29 октябр.

**1983**

2. Шеъри хаёлангезу оҳанги диловез [Матн] // Маданияти Тоҷикистон.-1983.- 4 феврал.

1986

3. Кӯмаку ғамхорӣ мебояд [Матн] // Адабиёт ва санъат.-1986.-14 июл.- С. 11.

**1987**

4. Парвози суруд [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон.- 1987.-11 январ.

**1989**

5. Санъат моли ҳамагон аст [Матн] // Зарафшон.- 1989.-24 январ.

**2004**

6. Дӯстмуроди Алӣ [Матн]: // Ёде аз Дӯстмуроди Алӣ 55 сол. Душанбе: Паёми ошно, - 2004.- С. 46.

**2006**

7. Ҷой дар дилҳо монд [Матн]: Ёди Абдулло Назрӣ // Тоҷикистон.-2006.- №1-3.- С. 34.

**2008**

8. Пешниҳод дорам, ки дар санъат сензура ҷорӣ шавад! [Матн] // Чархи гардун.- 2008.-24 январ.

## 2.2. ЁДҲО

**1992**

9. Куҷоед, ай фарзандони Ҳоит?! [Матн]: Мегӯяду ашк мерезад раиси Кумитаи «Эҳёи ёдбуди Ҳоит» Зафар Нозимов / Сӯҳбаторо Ҷ. Наботов // Нидои ранҷбар.-1992.-9 апрел.

**2011**

10. Шарифзода, С. Чун ба гетӣ ҳар кӣ меояд, равон хоҳад гузашт… [Матн]: Хотираҳо аз устод Зафар Нозимов // Адабиёт ва санъат.-2011.-28 июл.

**2013**

11. Мусо, Ш. Эҳсос ва эътироф барои Зафар Нозим [Матн]: Ёде аз сарояндаи халқии Тоҷикистон шодравон Зафар Нозим // Омӯзгор.-2013.-15 май.

12. Шарифи С. Уқоби кӯҳӣ [Матн]: Ёдбуди Зафар Нозим // Баҳори Аҷам.- 2013.-31 июл.

13. Ҳақназар, Ш. Хунёгар [Матн]: Ёде аз ҳунарманди мардумӣ, устоди санъат Зафар Нозимов // Адабиёт ва санъат.-2013.- 4 ноябр.

14. Адиба. Шӯҳрате дар ғиболи сарнавишт [Матн]: Ёде аз устоди санъат Зафар Нозимов // Чеҳра.- 2013.-№3.-С.22.

## 2.3. МУСОҲИБАҲО

**1990**

15. Ҷумъахони Н. Ҳойит обод мешавад [Матн]:Мусоҳиба бо Зафар Нозимов // Тоҷикистони советӣ.-1990.- 6 сентябр.

**1992**

16. Кучоед, ай фарзандони Ҳоит?! [Матн]: Мегӯяду ашк мерезад раиси Кумитаи «Эҳёи ёдбуди Ҳоит» Зафар Нозимов / Сӯҳбаторо Ҷ. Наботов // Нидои ранҷбар.-1992.-9 апрел.

**1996**

17. Ба гузашта салавот бояд гуфт [Матн]: Мусоҳибаи рӯзноманигор бо Зафар Нозимов // Чароғи рӯз.- 1996.- №2.

**1999**

18. Ба мазмун сурудан на афзун сурудан [Матн]: Мусоҳиба бо Ҳунарманди мардумии тоҷик Зафар Нозимов // Ҷавонони Тоҷикистон .-1999.-19 феврал.- С.4.

**2000**

19. «Модарам нахустустоди ман буданд» [Матн]: Сӯҳбат бо Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Зафар Нозимов дар арафаи иди Занон 8- март / Сӯҳбаторо Меҳрафзун // Чархи гардун.- 2000. -3 март.

20. То боздид, эй офтоб [Матн] : Сӯҳбат бо Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Зафар Нозимов / Мусоҳиб М.Табарӣ // Чархи гардун.- 2000.-1 сент.- С.3.

**2006**

21. Филармония хонаи ишқи мост! [Матн]: Мусоҳиба бо ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон устод Зафар Нозимов / Сӯҳбаторо Меҳрафзун //Чархи гардун.-2006.-2 июл.

22. Манам он уқоби кӯҳӣ [Матн]: Сӯҳбат бо Ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Нозимов / Сӯҳбаторо Ш. Адҳамзод // Садои мардум.- 2006.-22 август.

**2007**

23. «Ҳунарманд бе мардум ҳеҷ аст» [Матн]: Сӯҳбат бо овозхон Зафар Нозим /Мусоҳиб Б. Қодирдухт // Ҷумҳурият.-2007.-6 январ.

**2008**

24. Наргиси М. Пешниҳод дорам, ки дар санъат сензура ҷорӣ шавад [Матн]: Мусоҳиба бо Устоди санъати тоҷик Зафар Нозимов // Чархи гардун.-2008.-24 январ.

# 3. АДАБИЁТ РОҶЕЪ БА ЗАФАР НОЗИМОВ

## 3.1. Ба забони тоҷикӣ

**1961**

25. Қодирӣ, А. Шаби эҷодии ҳофизи ҷавон [Матн]: Доир ба Зафар Нозимов // Маориф ва маданият.- 1961.- 19 сентябр.

**1964**

26. Указн Президиуми Совети олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи ба Зафар Нозимов - солисти Филармонияи давлатии ордени байрақи сурхи меҳнатдори Тоҷикистон додани Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон» [Матн] // Ведомости совети олии РСС Тоҷикистон.- 1964.-№5.-С.180.

27. Указн Президиуми Советии олии РСС Тоҷикистон: Дар бораи ба рафиқон Дӯстов Я., Каримов З., Нозимов З додани номи фахрии Артисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон // Тоҷикистони советӣ.- 1964.-6 феврал.

**1966**

28. Саъдуллоев, А. Суруд набзи халқ аст [Матн]: Аз фаъолияти ҳофизи хушовоз Зафар Нозимов //Комсомоли Тоҷикистон.-1966.-10 июн.

**1970**

29. Азизов, Н. Як шаби суруд [Матн]: Дар бораи ҳофиз Зафар Нозимов // Маориф ва маданият.- 1970.- 25 апрел.

**1974**

30. Указн Президиуми совети олии РСС Тоҷикистон [Матн]: Дар бораи ба Нозимов Зафар солисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Рӯдакӣ додани унвони фахрии «Артисти халқии РСС Тоҷикистон» // Ведомости Совети олии РСС Тоҷикистон.-1974.-№24.-С. 10.

**1975**

31. Хӯҷамқулов, А. Мутриби хушовоз [Матн]: Оид ба Зафар Нозимов // Маориф ва маданият.-1975.-28 август.

**1978**

32. Қувват, Ҷ. Андалеби кӯҳсор [Матн]: Шеър ба Артисти халқии РСС Тоҷикистон Зафар Нозимов // Маориф ва маданият.-1978.- 21 октябр.

**1980**

33. Восеъ, М. Сози кӯҳсор [Матн]: Шеър ба Артисти халқии республика Зафар Нозимов // Комсомоли Тоҷикистон.-1980.-7 сентябр.

**1982**

34. Акобир, Ҷ. Суруди Зафар [Матн]: Чанд лаҳзаи муассир аз рӯзгори ҳунарманди мардумии ҷумҳурӣ Зафар Нозим // Маданияти Тоҷикистон.-1982.-3 сентябр.

35. Акобир, Ҷ. Авҷи рӯҳпарвар [Матн]: Лавҳае аз сафари ҳунарии ҳунарманди мардумии ҷумҳурӣ Зафар Нозим // Комсомоли Тоҷикистон.-1982.-17 октябр.

**1983**

36. Аюбзода, С. Шеъри хаёлангезу оҳанги диловез [Матн]: Мусоҳиба бо Зафар Нозим // Маданияти Тоҷикистон.- 1983.- 4 феврал.

37. Ваҳҳобов, Р. Тараннуми дил [Матн]: // Тоҷикистони советӣ.- 1983.- 16 ноябр.

38. Ваҳҳобов, Р. Парвози рӯҳбахш [Матн]: // Тоҷикистони Советӣ.- 1983.-16 ноябр.

39. Таронаҳои Зафар [Матн]: Студияи телевизиони тоҷик ба навор гирифтани филм-концерти «Булбули кӯҳсорон»- бахшида ба ҳаёти Артисти халқии РСС Тоҷикистон Зафар Нозимов ба итмом расонид // Маданияти Тоҷикистон.-1983.-18 ноябр.

**1984**

40. Анварӣ, С. Зафар - ҳофиз, ҳам шоир [Матн]: Мулоҳизаи шунаванда дар бораи услуби Зафар Нозимов // Маданияти Тоҷикистон.-1984.-10 январ.

41. Нозимов Зафар [Матн]: Шарҳи ҳоли Зафар Нозим // Энсиклопедияи советии тоҷик.-Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1984.-С. 217.Ҷ.5.

**1985**

42. Акобиров, Ҷ. Чашмаи Зафар [Матн]: Зафар Нозимов- Артисти халқии РСС Тоҷикистон // Адабиёт ва санъат.-1985.-25 июл. -С.12-13.

43. Қувват,Ҷ. Андалеби кӯҳсор [Матн]: Шеър ба ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Нозим // Орзу.- Душанбе: Ирфон, 1985.

**1986**

44. Бо ордени «Нишони фахрӣ мукофотонидани солисти Филармонияи давлатии Тоҷикистон» Нозимов Зафар [Матн] // ТоҷикистониСоветӣ.-1986.-21 январ.

45. Мухторов, М. Ба Зафар Нозимов [Матн]: Шеър барои З. Нозим // Вахш.- 1986.- 18 март.

46. Шамсуллои И. Ҳунарманди ҷӯянда [Матн]: // Тоҷикистони советӣ.-1986.-3 июн.

47. Исломов, Ш. Дарёи суруд [Матн]: Артисти халқии Тоҷикистон Зафар Нозимов //Тоҷикистони советӣ.-1986.- 8 июл.

**1987**

48. Сиддиқ, С. Парвози суруд [Матн]: Сӯҳбат бо овозхон Зафар Нозимов // Комсомоли Тоҷикистон.- 1987.- 11 январ.

**1989**

49. Нозимов Зафар [Матн]: Шарҳи ҳоли Зафар  Нозим ов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.-Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1989.-С. 474.Ҷ.2.

50. Анварӣ, С. Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман [Матн]: Дар бораи Артисти халқии республика Зафар Нозимов // Адабиёт ва санъат. -1989. -18 май. - С.10.

51. Шамсиддини, Н., Додоҷони, А. Дилнома [Матн // Тоҷикистони советӣ.-1989 .-14 ноябр.

52. Сарояндаи советии тоҷик [Матн]: Шарҳи мухтассари ҳаёт ва эҷодиёти Зафар Нозимов // Энсиклопедияи советии тоҷик.- Душанбе, 1989.- Ҷ. 2.- С. 474.

**1990**

53. Азизов, А., Зарифӣ, А. Рейтинги артистони номии Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Завқибеков, Ҷ. Муродов, М. Эргашева, Н. Раупова, З. Нозимов, Ф. Қосимов, У. Раҷабов,  А. Муҳаммадҷонов [Матн] // Ҷавонони  Тоҷикистон. -1990.-13 май.

54. Анварӣ, С. Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман [Матн] // Адабиёт ва санъат. -1990. -7 июн.

55. Шарифов, С. Рукни бузурги ҳунар [Матн]: Овозхон аз нигоҳи мухлис //Адабиёт ва санъат.-1990.-7 июн.

56. Шарифов, С. Парвози суруд [Матн]: Ҳофизи маъруфи тоҷик Зафар  Нозимов 50 сола шуд //Адабиёт ва санъат.-1990.-7 июл.-С.14.

57. Анварӣ, С. Ҳар чӣ бояд, одамӣ бо хештан  овардааст [Матн]  // Адабиёт ва санъат.-1990.-20 декабр.

58. Шамс. Шакарро бо заҳр маёмез [Матн]: Муҳовараи рӯзноманигор бо Зафар Нозим // Сухан.-1990.-№ 6.

59. Ҷуъмахони, Н. Ҳойит obод мешавад[Матн]  // Тоҷикистони советӣ.-1990.- 6 сентябр.

**1992**

60. Тарҷумаи ҳоли ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон, роҳбари ансамбли фолклории «Ганҷина» Зафар Нозимов [Матн] // Тоҷикистон.-1992.-28 август. - С. 4.

**1994**

61. Анварӣ, С. «Ганҷина»-и Зафар Нозим [Матн]:  Оиди фаъолияти ансамбли фолклориву этнографии «Ганҷина» // Фарҳанг.-1994.-№1-3.-С. 60 -61.

62. Анварӣ, С. Кӯшиши Зафар Нозим дар гирдоварии «Ганҷина» [Матн]  // Фарҳанг.-1994.-№12.- 26 феврал.

63. Анварӣ, С. Суруди Зафар [Матн] Душанбе: Ирфон, 1994.-78 с.
64. Темурзода, Ҷ. Тори гусаста «Сомон» [Матн] // Сомон.-1994.- июл.

**1996**

65. Қодир, О. Устод Зафар [Матн]: Аз рӯзгору фаъолияти ҳунарии Ҳофизи мардумии тоҷик З. Нозимов // Чархи гардун.-1996.-25 апр.- С.5.

**1997**

66. Карим, Б. Бо устод Зафар дар Бағдоду Бобулистон [Матн] // Фарёди солҳо.-Москва: Трансдорнаука,1997.
67. Ҳақназар, Ш. Суруди зиндагӣ [Матн] // Алиф.-1997.-3 июл.

**1998**

68. Ҳокимӣ, А. Зафар Нозим: Орзуи деринаам амалӣ шуд…[Матн] // Алиф.-1998.-№3.
69. Ситораҳо ғуруб намекунанд [Матн] // Суруш.- 1998.-24 апрел.
70. Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бо ордени «Шараф» сарфароз гардонидани Нозимов Зафар - роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Рӯдакӣ [Матн] // Садои мардум.-1998.-18 сентябр.

**1999**

71. Зарафшонфар С. Ба мазмун сурудан, на афзун сурудан [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон.- 1999.- 19 феврал.
72. Сайхонов, Ҳ. Зафар Нозим [Матн] // Вечерний Душанбе.-1999.- 21 октябр.

**2000**

73. Табарӣ, М. Эй офтоб [Матн]: Ҳунарманди Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Нозимов - 60 сола шуд // Ҷумҳурият.-2000.-1 январ.
74. Ромишгари мумтоз [Матн]: «Зиндагинома»-и Зафар Нозим ва маҷмӯаи сурудҳои дар нота сабтшуда. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энциклопедияи Миллии Тоҷик, 2000.-160 с.
75. Воқиф Сироҷ. Тавлиди як суруд[Матн] // Мизон.-2000.- № 2
76. Икромӣ, С. Манам он уқоби кӯҳӣ…[Матн] // Ҳамроз.-2000.-2 март.
77. Шодӣ, М. Овози Зафарро суд карда буданд…. [Матн]: Дар бораи устод Зафар Нозимов // Ҷавонони Тоҷикистон.-2000.-12 май.
78. Анварӣ, С. Руста з-овозаш хиёлоти аҷиб [Матн] // Садои Шарқ.- 2000.- №6.
